## ТАҚРИЗ

**ба рисолаи номзадии Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзуи “Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)” аз рӯи ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ**

Бо баробари расидан ба истиқлолияти давлатӣ ҳукумати мамлакат навобаста аз мушкилоти дохиливу берунӣ ба рушди сайёҳӣ таваҷҷӯҳи хосса зоҳир намуд. Ин аст, ки бо ибтикори сарвари давлат солҳои 2018-2022 солҳои рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шуд. Рушди соҳаи сайёҳӣ на танҳо дар пешрафти иқтисодиёти кишвар нақши муассир дорад, балки барои муаррифии арзишҳои милливу таърихӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Омӯзиш ва таҳқиқи марҳилаҳои таърихии соҳаи сайёҳӣ маҳз дар замони истиқлолияти давлатӣ пешрафти тоза пайдо карда, дар қатори самтҳои дигари илму технология мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Рисолаи номзадии Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи “Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)” аз муҳимтарин корҳои илмӣ дар ин самт мебошад, ки муаллиф барои ноил гаштан ба мақсадҳои гузошташуда, аз маҷмӯи усулҳои таҳқиқоти иқтисодӣ аз ҷумла, таҳлил, синтез, қиёс, индуксия, дедуксия, таҳлили оморӣ ва таҳқиқоти монографӣ ва ғ. огоҳона истифода намудааст. Инчунин муаллифи рисола дар асоси таҳлили илмӣ асосҳои назарияҳои сайёҳии минтақаро низомбандӣ намудааст, ки имконияти ворид намудани саҳеҳӣ ба мафҳум ба миён омадааст.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт таркиб ёфта, 175 саҳифаи чопӣ, 15 ҷадвал, 6 расм ва 150 номгӯи адабиётро дар бар гирифтааст. Муқаддимаи рисола ба меъёрҳои таълифи рисолаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, дар он муҳимияти масъала, зарурати омӯзиши мавзӯъ, дараҷаи таҳқиқ, объекти таҳқиқот, предмети омӯзиш, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот ва навгониҳо муайян карда шудааст.

Дар рисола заминаҳои рушд ва асосҳои методологии масъалаи мазкур дар бобҳо баррасӣ гардида, максади асосии тахқиқот ба пурраги инъикос ёфтааст. Барои оптималӣ гардонидани рушди сайёҳии минтақавӣ амсилаи математикӣ-иктисодӣ ва алгоритми татбики он тахия ва пешниҳод шудааст. Ин амсила ҷолибияти сармоягузории мавҷуда ва навро ошкор менамояд. Дар асоси тавозуни иктидори зарурӣ ва амсилаи ҷолибияти сармоягузорӣ имкон фароҳам меорад, ки ҳаҷми вобаста ба пайдарпаии онҳо дар сохторҳои мухталиф ва объектҳо муайян гардад. Аз руйи сохтор, давраҳо ва динамикаи оптималии инкишофи сайёҳӣ дар самтҳои гуногун ҳаҷми маблағгузории тарақкиёт муайян карда мешавад.

Имтиёзҳои андоз, кам намудани фоизҳои қарзҳо ва субсидияҳо ба арзиши роҳхатҳои сайёҳони ватанӣ, дастгирии барномаҳои рушди сайёҳӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди иктисодиро таъмин менамояд. Тадбирҳои ба ин самт дар диссертатсия коркард шуда қобили қабул мебошад.

Бо вуҷуди ин, дар рисола баъзе мулоҳизаҳои мубоҳисавӣ ва камбудиҳои ҷузъӣ ба чашм мерасанд:

1. Ба таври алоҳида кайд намудани мақолаву рисолаҳои илмии олимони ватанӣ дар рисола мувофики максад хоҳад буд;

2. Баъзе аз зербобҳои нақшаи асосии тахқиқот таҳрирталаб мебошанд;

3. Ба низом даровардани шакли ҷадвалҳои дар рисола овардашуда зарур мебошад;

Бо вуҷуди ин гуна камбудиҳои ҷузъӣ, аҳамияти назариявию методӣ ва амалии таҳқиқи амсиласозии рушди сайёҳии кишвар дар рисола кам намегардад.

Мундариҷа ва муҳтавои рисола шаҳодат медиҳад, ки рисолаи мазкур кори ба анҷомрасида буда, муҳимтарин навгониҳои илмро дар бар мегирад. Натиҷагирӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои рисоланавис метавонад барои рушди илми иктисолиёти муосири ватанӣ дар соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам оварад.

Мавзӯи таҳқиқот, мазмуну муҳтавои рисола, мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф ба ихтисоси 08.00.09. – методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт ба пуррагӣ мувофиқат менамояд.

Рисолаи номзадии Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи "Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)" ба талаботи бандҳои 10,11,12 ва 16-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- уми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмӯъ, бояд зикр кард, ки рисола дар мавзӯи "Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд) таҳқиқоти илмии мустақилона буда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад ва кори илмии баитмомрасида аст ва саҳми шахсии муаллифи рисоларо дар илм инъикос менамояд. Ҳамчунин, барои пешниҳод ба ҳимоя дар Шурои дисертатсионии 6D КОА-045- назди МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» тавсия дода мешавад.

Муқарриз:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи иқтисодиёти
корхонаҳо ва минтақаи ДДҲБСТ — Бойматов А.А.

Имзои д.и.и. профессор А.А.Бойматов -ро тасдиқ менамоям

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДҲБСТ — Мирпоччоев И.Ҳ.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС